«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон номзади илми фалсафа, дотсент**
**_______________ Назар М.А.**
**«___» июни соли 2022**

# ХУЛОСАИ

Шӯрои илмии (семинари) Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи **Болтуева Машҳурахон Ёқубовна** дар мавзӯи **«Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ бо ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Диссертатсия дар мавзӯи «Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ» аз тарафи унвонҷӯ Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дар шӯъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳия шуда, ба ҳимоя тавсия шудааст.

Болтуева Машҳурахон Ёқубовна аз соли 2007 дар шуъбаи рӯзонаи факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2012 бо ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Болтуева М.Ё. барои таҳияи диссертатсия аз соли 2015 дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳайси унвонҷӯ фаъолияти илмӣ-таҳқиқотиро оғоз кардааст.

Маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои «Таърих ва фалсафаи илм», «Забони англисӣ» ва ихтисос (12.00.03 - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ) аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст (таҳти № 822 аз 17 – уми майи соли 2021.).

Шӯрои илмии Институт дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия оид ба мавзӯи «Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ» чунин хулоса қабул намуд:

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти диссератсионӣ:** Рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳким бахшидани самтҳои мухталифи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ҷомеа ба даст даровcurrentарда мешавад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, агар ҳадафи олии рушди дарозмӯҳлати Тоҷикистон - баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар муайян гардида бошад, ноил

гардидан ба ин ҳадафи олӣ инчунин бо роҳи ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, таҷҳизоту барномаҳои таъминотии он ва таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқии ин объектҳо дар қаламрави кишвар дастрас шуда метавонад .

Истифодаи васеи барномаҳои компютерӣ ва дигар маводҳои барномавӣ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти одамон унсурҳои фарқкунандаи марҳалаи нави рушди иҷтимоие маҳсуб меёбад, ки нишонаи асосии он бо нақши ҳалкунандаи дастовардҳои илмӣ-техникӣ дар соҳаи технологияҳои ахборотӣ ва коммуникатсионӣ маънидод карда мешавад.

Яке аз самтҳои афзалиятнок ва мунтазам рушдёбандаи сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо технологияи ахборотӣ маҳсуб ёфта, ба он барномаҳои компютерӣ низ дохил мешавад. Аҳаммияти рушди техникӣ ва ҷорӣ намудани дастовардҳо ва ихтирооти навин дар истехсолот дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид гардидааст. Аз ҷумла дар Паёми сарвари кишвар аз 26 декабри соли 2018 ба Маҷлиси Олӣ дар ин хусус чунин омадааст: «Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз хам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад».

Аҳаммият ва рушди босуръати таъминоти барномавӣ, дохил шудани он қариб ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро баҳо додан мушкил мебошад. Бинобар ин муайян намудан ва ҷорӣ сохтани механизми дурусту самараноки ҳифзи ҳуқуқии таъминоти барномавӣ гарави татбики муваффақонаи мақсаду вазифаҳои давлат дар соҳаи инноватсия ва ҳуқуқҳои субъективии гражданиии иштирокчиёни муомилоти гражданӣ маҳсуб меёбад.

Имрӯзҳо барномаҳои компютерӣ ба таври қавӣ ба ҳаёти ҳаррӯза ворид гардидааст. Бо баробари тараққиёти сатҳи технология барномаҳои компютерӣ низ инкишоф ёфта, имконият фароҳам оварда мешавад, ки сатҳи мазкур дар ҳаёт татбиқ шавад. Барномаҳо низ ҳамчун технологияҳо боз ҳам мураккаб ва тараққиёфта гардида истодаанд. Миқдори заминаҳои татбиқшаванда, имконоти амалишавӣ, усулҳои коркардӣ ва интишори онҳо пайваста меафзояд.

Дар айни замон тарафи ҳуқуқии раванди мазкур низ торафт мубрам шуда истодааст. Бояд ишора намуд, ки масъалаи аҳамиятнокии эътироф ва дар доираи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани объектҳои нави ҳуқуқи гражданӣ, ки ба он барномаҳои компютерӣ ва дигар дастовардҳои неъматҳои ғайримоддӣ дохил мешаванд, дар Консепсияи рушди қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми апрели соли 2014 пешбинӣ гардидааст. Дар он омадааст, ки доираи объектҳои ҳуқуқи гражданӣ бо дарназардошти рушди илму техника бояд васеъ карда шаванд.

Шахси ба ҷараёни истифодабарии барномаҳои компютерӣ ҷалб шуда ногузир бо категорияҳои мухталифи ҳуқуқӣ бармехӯрад. Ҳар шахси ба истифодабарӣ ва инчунин бо сохтани барномаҳои компютерӣ сарукордор мегардад, бо масъалаи ҳифз, истифодабарии қонунӣ ва дурусти барномаҳои компютерӣ, ба даст даровардани фоида аз фурӯши нусхаҳои он ва бисёр дигар масъалаҳо, бархурдор мешавад. Мутаассифона, ҳангоми мурочиат намудан ба қонунгузорӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки ба масъалаҳои ишора гардида дар доираи санадҳои меъёрӣ-хуқуқӣ қайди худро ба пуррагӣ наёфтааст. Дар ин радиф, танзими ҳаматарафаи масъалаи мазкур на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки боз аҳаммияти амалиро доро буда, он таъсири худро аз ҷумла ба иқтисодиёт мерасонад.

Аз ин рӯ, аҳаммияти таҳлили шакли амалкунандаи ҳифзи барномаи компютерӣ, ошкор намудани душвориҳову муаммоҳои мавҷуда, имконияти татбиқи шаклҳои гуногун ва тарзҳои ҳифзи ҳуқуқии барномахо бо дарназардошти дурнамо ва имтиёзоти тавассути омилҳои иқтисодию сиёсӣ фароҳамомада афзуда, роҳҳои интихобу татбиқи онҳо ба вуҷуд меояд. Муносибати оқилона ба масъалаҳои мазкур бодарназардошти тамоми зуҳурёбии амиқи барномаҳои компютерӣ, ба бисёр соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятию иқтисодӣ таъсири ҷиддӣ расонида, ба дигаргунихои мусбат оварда мерасонад.

Барномаи компютерӣ асоси фаъолияти компютер ва ҳатто тамоми низоми интернетӣ диниста мешавад. Лекин асоси назариявии барномаи компютерӣ дар назарияи хуқуқи гражданӣ ба пуррагӣ коркард нагардидааст.

Нуктаҳои зикршуда мубрамияти масъалаи тадқиқоти диссертатсионии мазкурро асоснок менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқотҳои ба масъалаи барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти муносибатхои гражданӣ-хуқуқӣ бахшида шуда аз он лаҳзае гузаронида мешаванд, ки мошини электронии хисоббарор ихтироъ гардида, барои он барномаҳои дахлдор коркард шудааст. Гарчанде, ки фарогирии илмии масъалаи қайдшуда мавчуд бошад ҳам, лекин аксарияти тадқиқотҳои илмии даҳсолаи охир бештар хусусияти умумӣ дошта, масъалаи ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютериро тадқиқ намоянд ҳам, таваҷҷӯҳ ба масъалаҳои хусусиятноки соҳа ба пуррагӣ дода нашудааст, баъзе аз асархо ба масъалаҳои маҳдуди ҳуқуқӣ бахшида шуда, на ҳама вақт муаммои дахлдорро ба таври комплексӣ дида набаромадааст ва ё ба масъалаҳои соф дар доираи шакли маъмули химояро фаро гирифта, ташаккулёбии соҳаро ба инобат намегиранд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Рисола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якумин кори маҷмуии монографие мебошад, ки ба масъалаҳои муҳимтарини барномаи компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ бахшида шудааст. Дар кори илмии мазкур масъалаҳои танзими ҳуқуқии барномаи компютерӣ ба таври комплексӣ дида баромада шудааст. Аз ин рӯ навгонии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки:

1. Муаммоҳои мавҷудаи танзими ҳуқуқии ҳифзи барномаҳои компютерӣ ва истифодаи чунин барномаҳо ошкору муназзам карда шуданд (дар соҳаи қонунгузорӣ ва амалия) роҳҳои ислоҳи онҳо пешниҳод гардиданд;

2. Шаклу тарзҳои хосаи ҳифзи ҳуқуқи барномаҳои компютерӣ ошкор карда шуданд, бартариву махсусиятҳои татбиқи шаклу тарзҳои мушаххаси ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар соҳаҳои ҷудогонаи хоҷагӣ ошкор ва асоснок карда шуданд ва ғайра.

**Навгонии муносибати илмӣ** барои далелноксозиву возеҳ намудани нуктаҳои зерин мусоидат кард, ки ба̀дифоъ баровада мешаванд:

1. Муносибатҳои ҳуқуқӣ ба ҳайси шарти ҳаракати усули мушаххасгардонӣ ва воситаи алоқамандсозии робитаҳои ҷамъиятӣ баромад мекунад, ки онҳо дар навбати худ муносибатҳои ҷамъиятии дорои як қатор хусусиятҳо, маҷмӯи нишонаю аломатҳои махсусе мебошанд, ки ба туфайлашон он вазифаҳои мазкурро ба иҷро мерасонад. Чунин вижагиҳои махсус ё аломатҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ аз инҳо иборат аст:

а) Ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ доимо ҳамчун робитаи байни ашхоси мушаххас вуҷуд дорад;

б) Ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ рафтори мутақобилаи иштирокдоронро аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мустаҳкам менамояд;

в) Ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқӣ бо меъёрҳои ҳуқуқии давлатӣ танзим карда мешавад.

Ҳама гуна муносибатҳои ҷамъиятӣ бо водоркунии қувваҳои давлатӣ амалӣ мегардад.

2. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон номуайянии мафҳумҳои умумӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи барномаҳои компютерӣ, инчунин номгӯи услубҳои истифодабарии обектҳои ҳуқуқи муаллифӣ мушоҳида мешавад. Асоснок гардидааст, ки сарфи назар кардани кӯҳнашавии захираҳои истилоҳот ва истифодаи қолабҳои ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ, ба пайдоиши муаммоҳои ҳуқуқие оварда мерасонад, ки манфиати ҳамаи иштирокдоронро халалдор карда, ба рушди босифати техникию иқтисодии соҳа монеа мегардад.

3. Кори барномаҳои компютерӣ тибқи ақидаҳои маъмул ҳамчун дигаргуншавии падидаҳои (сигналҳои) электронӣ ё худ объектҳои моддӣ баррасӣ мегардад. Вале, дар айни замон, шакли ифодаи сигнал (импулсҳои электромагнитӣ, импулсҳои шуой, дигаргуншавии ҳама гуна бузургиҳои физикӣ) аз назар дур мемонад. Танҳо мундариҷаи ахбору маълумоти ирсолшуда муҳим асту халос. Азбаски аҳамияти сигналҳои такомули сигналҳо беэътибор мемонад, ҳодисаи омезиши мафҳумоти сиганали категорияи физикӣ ва сигнали категорияи ахбороти рӯй медиҳад. Чунин рӯйдодҳо боиси мухолифатҳои зерини конунгузорӣ мегарданд. Аввалан, ҳар як барномаи компютерӣ метавонад ҳамчун раванди татбиқи ҳаракате аз болои объектҳои (сигналҳои) моддӣ бо ёрии воситаҳои моддии бо забони барномарезӣ баёнгашта, баррасӣ шавад, ки ин бо ихтироъ, яъне

тарзи иҷро айният дорад, ҳарчанд ки барномаҳо аз қатори объектҳои патентпазир хориҷ шудаанд. Сониян ҳар як барномаро ҳамон вақт бо донистан мумкин аст, ҳарчанд, ки ки қонунгузории ватанӣ байни барнома ва соҳиби он фарқият дида, ба он мустақиман ишора мекунад, ки ба соҳиб гузаштани ҳуқуқ боиси гузаштани ҳуқуқ ба барнома намегардад. Ҳамин тавр, даромехтани сигналҳо чун категорияҳои мухобиротӣ ва чун категорияи физикӣ ва баррасии сигналҳои аз тарафи барномаҳои компютерӣ ба сифати объектҳои модӣ коркардашаванда боиси зиддияти воқеӣ мегарданд. Барои роҳ надодан ба зиддияти сигналҳои бо ёрии барномаҳои компютерӣ коркардшаванда, мувофиқи мақсад аст, ки воҳидҳои мухобиротӣ ба сифати объектҳои ғайримоддӣ баррасӣ гарданд. Аз ин нуқтаи назар баррасӣ кардани сигналҳо имкон медиҳад, ки зиддиятҳои мазкур аз мавқеи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ батараф карда шавад.

4. Барномаҳои компютерӣ барои дарки бевосита муқаррар нашудаанд. Онҳо метавонанд танҳо дар раванди кори компютер зери назораташон айнан дарк карда шаванд. Ин фаъолият ба мукаррароти истилоҳи «иҷро кардан» пурра мувофиқат мекунад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» гуфта шудааст: «Ба иҷро расонидан - намоиши асар, фонограмма, намоиш, қироат, сурудхонӣ, рақси «зинда» ё тавассути техникаҳо (намоиши телевизионӣ, радиошунавонӣ, телевизиони кабелӣ ва воситаҳои техникии дигар); намоиши лаҳзаҳои асарҳои муоинашаванда дар пайдарҳамӣ». Ҳамин тавр, кори компютер бо манзур намудани ахборот тибқи барнома бояд ҳамчун «иҷро» баррасӣ шавад. Дар натиҷа имкони маҳдудсозии усулҳои патентнопазири коркарди ахборот аз объектҳои ҳуқуқи патентӣ, ба мисли тарзҳои тасвири ба дастовардани ин ё он манфиати техникӣ, ба вуҷуд меояд.

5. Ба муносибати рушди дастгоҳи истилоҳот, пешниҳод менамоем, ки бар ивази истилоҳи кӯҳнашудаи «барномаи МЭҲ», ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт гардидааст, истилоҳи «барномаи компютерӣ» қабул карда шавад, ки дар амалияи байналмилалӣ маъмул буда, хусусияти умумиистеъмолӣ дошта, табиати объектро бештару беҳтар ифода менамояд.

6. Барномаи компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи муаллифӣ дар худ нишонаҳои барояш номуқаррарӣ, ҷузъҳои аз тарафи ҳуқуқи муаллифӣ ҳифзнашавандае ба мисли назарияи илмӣ, консепсия, осори илмиро фаро мегирад. Барои барномаи компютерӣ тафриқаи консептуалӣ бо осори бадеӣ хос аст. Қонунгузории аксар давлатҳо барномаҳои компютериро шомили объекти ҳуқуқи муаллифӣ медонанд. Аммо бо осори бадеӣ баробар донистани он на он қадар асоснок аст. Барномаи компютериро барои муайян намудани таносуби он бо алгоритм бояд алгоритмро дар

шакли объективӣ барои коркарди мухобирот баррасӣ кард, ки бо дастгоҳ иҷро карда мешавад.

7. Дар назарияи ҳуқуқи гражданӣ ақидае мавҷуд аст, ки барномаи дар ҳамлак (носитель) сабтшуда як навъ вижагии муфиде дорад, ки дар навбати худ ин ё он манфиатро таъмин менамояд, ки ҳосилаи компютер аст. Дар асоси он хулоса карда мешавад, ки ҳамлакро ба намуди блоки дастгоҳи патентпазире қабул бояд кард, ки ба туфайли хусусиятҳои муфидаш компютерро барои ба даст овардани натиҷаи муайяне идора мекунад. Чунин нуқтаи назар баҳснок ҳам ҳаст, зеро он далелеро сарфи назар менамояд, ки кори компютер ба тавре бо барномаи мушшахас вобаста аст, ҳамлак бошад, танҳо вазифаи миёнаравро иҷро намуда, навъи он аҳамияти ҷиддие надорад. Ба ғайр аз ин баъди загрузка дар хотираи компютери барномаи ҳамлакдошта аз он ҳамлакро безарар ҷудо кардан мумкин аст, ки ин бори дигар аз унсури ёрирасони барнома буданаш дарак медиҳад. Зиёда аз ин ҳоло анъанае ҳаст, ки мувофиқи он объектҳои умуман ба қатори дастгоҳ дохил намешудагиро (сигналҳои электронӣ, инфрасурх, зарядҳои электрикӣ дар модулҳои хотираи оперативӣ ва ғайра) ба ин қатор мансуб медонанд; ҳамчунин имкони назорати паҳн шудани чуини ҳамлакҳо бо мақсади огоҳии ҳуқуқвайронкунии патентдорон низ хеле ночиз аст. Дар асоси чунин далелҳои метавон хулоса кард, ки дастгоҳи ҳамлаки сабти барномадоштаро бо ҳуқуқи патентӣ ҳифз кардан мувофиқи мақсад нест.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» дар зербанди 1, банди 5, моддаи 10 талаб менамояд, ки имкони берозигии соҳиб дастрасии ахбори сирри тиҷоратидошта барҳам дода шавад, дар акси ҳол реҷаи махфият риоя нашуда ҳисобида мешавад; ахбори бидуни риояи реҷаи махфият ба даст омадаро наметавонад ниҳоди сирри тиҷоратӣ ба ҳифз гирад. Дар он сурат интишори нусхаҳои барномаҳои компютерӣ ба таври худ аз худсоҳибҳуқуқро аз имкони паҳн кардани реҷаи сирри тиҷоратӣ дар матну алгоритм маҳрум месозад, зеро шахсони сеюм имкон пайдо мекунанд, ки вайронкорона матни асливу алгоритми барномаро дарёфт намоянд. Ҳамзамон қонуни номбаршуда дар банди 4, моддаи 4 имкони ғайриқонуниву бо роҳи бартараф сохтани тадбироти андешидаи соҳибони ҳифзи барнома ба даст овардани мухобироти дорои сирри тиҷоратиро пешбинӣ менамояд. Аз ин бармеояд, ки усули ба даст овардани мухобирот аз нуқтаи назари қонун ва оқибатҳои ҳуқуқӣ фарқ дорад. Ҳамин тавр, зиддияте ба назар мерасад, яъне қонун иҷозат намедиҳад, ки реҷаи сирри тиҷоратии мухобирот, ҳама гуна дастрасии манъношуда паҳн гардад, вале дар айни замон, ҳамин қонун таъкид мекунад, ки мухобироти сирри тиҷоратидоштаро ба таври ғайриқонунӣ дастрас кардан мумкин аст. Зиддияти зайлро чунин бартараф кардан мумкин аст, ки зербанди 1, банди 5, моддаи 10-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» на ба сарфи назар кардани ҳама гуна дастрасӣ, балки ба дастрасии озоди

ахбороти сирри тиҷоратидошта дахл дорад. Аз ин ҷост, ки мутобиқан вобаста аз гуфтаҳои боло ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

- интишори озоди нусхаҳои барномаҳо соҳибҳуқуқро аз имкони барқарор намудани реҷаи сирри тиҷоратӣ ба асли матн ва алгоритми онҳо маҳрум намесозад;

- зарур аст, ки таърифи зербанди 1, банди 5, моддаи 10-и Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» чунин тағйир дода шавад: «1) дастрасии озод ба ахбороти сирри тиҷоратӣ дошта барои ҳама шахс бе ризоияти соҳиби он манъ карда мешавад».

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** барои ба даст овардани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия баён гардидааст, аз тарафи муаллиф муайян намудани мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, коркарди сохтори диссертатсия, гузаронидани таҳлили ҳаматарафа, ки имконият додаанд, ки оид ба праблемаҳои барномаи компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ ошкор карда шаванд, тасдиқ мегардад.

Аз ҷониби муаллиф дар рафти таҳқиқ маълумотҳои муҳим дар асоси сарчашмаҳои монографӣ, таълимӣ ва таълимӣ-методӣ ба даст оварда шудаанд. Ғояҳо ва нуқтаи назарҳои баёншуда нисбати тарафҳои гуногуни праблемаи баррасишаванда омухта ва таҳлил гардидаанд; мавқеи муаллиф оид ба масъалаҳои праблемавии мавзӯи барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи гражданӣ ба тасвият расидаанд; дар асоси натиҷаҳои бадаст овардашуда тавсияҳои амалӣ кор кардашуда баромада шудаанд, ки барои такмили минбаъдаии истифодаи барномаҳои компютерӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқии он равона карда шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот.**

Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқот бо муқаррароти назариявии аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардашуда тасдиқ мешавад. Натиҷаҳои таҳқиқ дар асоси таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии амалкунанда дар соҳаи ҳифзи моликияти зеҳнӣ, омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ дар соҳаи таҳқиқшаванда ба даст оварда шудаанд. Ҳамаи муқаррароти илмӣ ва хулосаҳо бо истифодаи методҳои системавӣ-сохторӣ, системавӣ-вазифавӣ, ҳамчунин тарзҳои махсуси илмӣ расмӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, техникӣ-ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.**

Рисола дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида борҳо дар ҷаласаҳои шуъба муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст. Хулосаҳои асосӣ ва муқаррароти асосии назариявӣ, тавсияҳои илмӣ-амалӣ аз ҷониби муаллиф дар як қатор мақолаҳои илмӣ чоп шудааст. Мӯҳтавои асосии диссертатсия инчунин дар мақолаҳои илмӣ чоп гардида, дар шакли маърӯзаҳо ва баромадҳо дар конференсияҳо баён гардидааст. Доир ба мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ 14 мақолаи илмӣ чоп гардидааст, ки мундариҷаи муаммои

рисоларо фаро мегирад ва аз он 5 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 мақолаҳо бошад дар маҷалла ва маҷмуаҳои дигар чоп шудаанд.

Мақолаҳои интишорнамудаи унвонҷӯ дар умум тамоми ҷанбаҳои таҳқиқоти илмӣ, назариявӣ ва амалиро доир ба мавзӯи барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳуқуқи граждании гузаринидашударо дар бар мегирад.

Автореферат ва маводи нашрнамудаи муаллиф ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пурра мутобиқат дошта, ҳулосаи мушаххаси таҳқиқоти муаллиф оид ба мавзӯи мазкур мебошанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод ишора менамояд.

**Ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Болтуева Машҳурахон Ёқубовна пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро онҳо натиҷаҳои мустақилона бадастовардаи муаллиф буда, барои рушди илми ҳуқуқи гражданӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ мусоидат карда, боис мегарданд, ки чандин падидаҳо ва паҳлуҳои муҳимми илми ҳуқуқи хусусӣ такмил ёбанд. Хулоса, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳа аҳамияти муҳим доранд.

Дар умум таҳқиқоти диссертатсионии Болтуева Машҳурахон Ёқубовна ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳангоми баррасии матни диссертатсия маълум гардид, ки диссертатсияи мазкур ба талаботи муқарраргардида пурра ҷавобгӯ аст. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории амалкунанда аҳамияти муҳим доранд.

Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи кор ҳангоми тадриси фанни таълимии ҳуқуқи хусусии римӣ, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, навиштани рисолаҳои дипломӣ, магистрӣ, диссертатсияҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Дар заминаи гуфтаҳои дар боло зикршуда, Шӯрои илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **қарор** кард:

1. Диссертатсияи унвонҷӯи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ **Болтуева Машхурахон Ёқубовна** дар мавзӯи **«Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ»** кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ба талаботи муқарраргардида пурра ҷавобгӯ ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ сазовор аст.

2. Диссертатсияи унвонҷӯ Болтуева Машхурахон Ёқубовна дар мавзӯи «Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи гражданӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) тавсия карда шавад.

Аз 30 аъзои Шӯрои илмӣ дар Маҷлиси Шӯрои илмӣ 27 нафар иштирок дошт. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" "27" нафар, "зид" нест, "бетараф" нест суратҷаласа аз 24 июни соли 2022, № 7.

Раиси Ҷаласа:
Раиси Шӯрои илмӣ, Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, н.и.ф., дотсент — Назар М.А.

Котиби ҷаласа:
Котиби илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. н.и.ф. — Саидҷаъфарова П.Ш.

Муқарризи №1
Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент — Бобоҷонзода И.Ҳ.

Муқарризи №2
Мудири кафедраи ҳуқуқи граждании Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон доктори илми ҳуқуқ, дотсент — Носиров Х.Т.

"Имзоҳоро тасдиқ мекунам"
Нозири калони кадрҳои ИФСҲ-и АМИТ — Шозедов Х.

24. июни 2022

Подпись заверяю
Начальник УК РТСУ
Рахимов А.А.